# 106571 - Оё барои эҳром либоси махсусе вуҷуд дорад?

**савол**

Оё барои эҳром либоси махсусе вуҷуд дорад?

**Ҷавоби муфассал**

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Барои эҳроми зан либоси махсусе вуҷуд надорад, балки ҳар либосеро, ки бихоҳад, мепӯшад, магар ин ки ниқоб намепӯшад ва дастпӯшак намепӯшад. Ниқоб матоъест, ки бар рӯй гузошта мешавад ва барои чашм сӯрох дорад. Аммо дастпӯшак чизест, ки дар даст пӯшида мешавад.

Аммо мард дар эҳром либоси махсусе дорад, ки иборат аст аз изор ва ридо *(яъне ду порчаи сафеди нодӯхта, ки қисми боло ва поёни бадани худро бо онҳо мепӯшанд)*. Аз ин рӯ, мард *(дар ҳоли эҳром)* курта, шим, салла, бурнус *(либоси кулоҳдор)* ва масҳӣ намепӯшад". Поёни сухан.

"Маҷмуъу-л-фатово"-и Ибни Усаймин (22/13).